## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович ба таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Консепт унсури шуури шахсияти забонӣ аст, тафаккур дар навбати худ оинаи фарҳанг мебошад, ба он иттилоот ворид шуда таҳлил мегардад ва ба низом даровардa, нигоҳ дошта мешавад. Консепт миёнарави махсусест байни забон ва фарҳанг. Консептҳо ҳангоми дарк намудани иттилооти ба шуури инсон воридшаванда, яъне, дар раванди консептуализатсия, ки яке аз муҳимтарин равандҳои фаъолияти фикрии инсон аст ва аз дарккунии иттилооти ба вай воридшаванда иборат буда, ба ҳосилшавии консептҳо, сохтор ва тамоми низоми консептуалӣ дар майнаи инсон оварда мерасонад.

Дар даврони муосир таваҷҷуҳи баланди забоншиносон ба масъалаҳои муошират байнифарҳангӣ ва таъсири мутақобилаи намояндагони ҷомеаҳои гуногуни забониву фарҳангӣ мушоҳида мегардад ва ин таҳқиқоти амиқи шаклҳои гуногуни рафтор, аз ҷумла, категорияи одобро, ки барои муошират муҳим арзёбӣ мегарданд, талаб мекунад. Аз ин ҷиҳат, омӯзишу пажӯҳиши консепти одоб, ки як рукни асосии фарҳанги мардумони гуногуни дунё маҳсуб меёбад, аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) ва муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мубрамияти корро ташкил медиҳад.

Дар диссертатсия одоб на ҳамчун категорияи фарҳангӣ баррасӣ мегардад, балки ҷанбаҳои забоншиносии консепти одоб аз мавқеи забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ) таҳқиқ мешаванд. Илова бар ин, дар рисола таҳлили муқоисавии консепти одоб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ анҷом дода шудааст. Ҳамчун консепт категорияи “одоб” дар забоншиносии тоҷик то имрӯз мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст. Дар ин росто, бо дарназардошти таъсири омилҳои фарҳангиву таърихии забонҳои тоҷикиву англисӣ раванди ташаккул ва ифодашавии консепти «одоб/ politeness» таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Чун сухан аз қиёсу муқобалаи консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ рафт, пажӯҳиши мазкур дар маҷрои забоншиносии муқоисавӣ қарор гирифта, бо ҷанбаи ҷадиде дар илми

забоншиносӣ, ки мақсади аслии он таснифу қиёс ва таҳқиқу омӯзиши забонҳои хеш ва бегона аст, алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Ба ин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҳар яке аз лиҳози басомади генетикӣ ба оилаи гурӯҳҳои гуногун мансубанд, дар ҳоли ҳозир хеле мубрам буда, дар шинохти амиқи забонҳои гурӯҳҳои эронӣ ва германии оилаи ҳиндуаврупоӣ метавонад мусоидат намояд.

Ҳадафи аслии пажӯҳиш муайян намудани вижагиву мушахассоти маъноиву сохтории консепти «одоб/ politeness» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, ки дар ин замина умумият ва фарқияти консептҳои мазкур дар забонҳои мавриди таҳқиқ аз назари муқоисавӣ ва шинохтӣ (когнитивӣ) нишон дода мешавад.

Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори аввал хусусиятҳои милливу фарҳангии консепти одоб дар забони тоҷикӣ зимни муқоиса бо ҷузъҳои забониву ғайризабонии муошират дар забони англисӣ мушаххас гардида, вижагиҳои асосии фаҳмиши консепти таҳлилшаванда аз ҷониби намояндагони фарҳангҳои гуногунзабон мавриди назар қарор гирифтааст.

Азбаски одоби инсон, асосан, дар ҳолатҳои муошират, дар рафтори нутқӣ ва дискурсӣ аён мегардад, таҳқиқоти мазкур дар асоси маводи ҳолатҳои рафтори муаддабона қарор гирифта, ҳангоми таҳлили онҳо ба омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муроҷиат шудааст. Ин омилҳо барои шарҳ додани пайдоиш ва истифодабарии ин ё он формулаи одоб/ рафтори муаддабона дар забонҳо имконият фароҳам меоваранд. Бинобар ин бори нахуст дар диссератсия, зинаҳои омилҳои иҷтимоӣ, аз қабили ҳамшарикон, ҷинс (мардона/занона), синну сол (кӯдакон, ҷавонон, калонсолон), навъи алоқа (наздик, касбӣ, расмӣ), фосилаи байни ҳамшарикон (бегона, шинос, дӯст, хешу табор), сатҳи забондонӣ (адабӣ, гуфтугӯӣ, шевагӣ), аз ҷумла воқеаҳои таърихие, ки таъсири худро ба ташаккули тасвири забонии ҷаҳон дар ин ё он халқият мерасонанд, мавриди назар қарор гирифтаанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф навишта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 14 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо, ки 15-тоанд, фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 287 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ таъин шудааст.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Хушматов Намоз Раҳмонович дар мавзуи «Таҳлили маъноиву сохтории консепти “одоб” дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, ки дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шудааст, барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва қиёсӣ мувофиқ ҳастанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

- **Тағоева Табассум Музафаровна** - доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

- **Матробиён Саодатшо** - номзади илми филология, дотсент кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар**: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ» пешниҳод карда мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Ҷамшедов П.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви комиссияи ташхис — Мухторов З.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор
узви комиссияи ташхис — Раҳмонова Н.

Имзои П.Ҷамшедов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон дар ш. Душанбе. — Муродова М.

Имзои Н.Раҳмонова-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ҳамидов Ш.